Co-funded by the
European Union

Вазорати меҳнат, муҳоҷират
ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ADB

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ
## оид ба таҳияи барномаҳои таълимии модулӣ дар асоси салоҳиятҳо

**Душанбе - 2023**

**Мундарича**

Ихтисорот

Ихтисорот........................................................................................................................ 3
Сарсухан........................................................................................................................ 4
Мафҳумҳо (глоссарий)........................................................................................................ 5
Мафҳум ва принсипҳои асосии таълим дар асоси салоҳиятҳо............................................... 8
Стандартҳои салоҳиятҳо чист?........................................................................................ 10
Таҳияи барномаи таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо.................................................................14
Марҳилаҳои таҳият БТАС.................................................................................................18
Таҳияи барномаҳои таълимии дарбаргирандаи ҳама воҳидҳои салоҳиятҳо........................ 19
Таҳияи элементҳо/воҳидҳои омӯзиш.................................................................................23
Асосҳои институтсионалӣ барои таҳияи барномаи таълимии модулӣ дар асоси салоҳиятҳо (БТМАС)........................................................................................................................24
Қолиби барномаи таълимии модулӣ....................................................................................26

**Ихтисорот**

| | |
|---|---|
| МИ | Меъёрҳои иҷро |
| НО | Натиҷаи омӯзиш |
| ТМТ ҶТ | Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БТАС | Барномаи таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо |
| ЭТТҚ | Эътирофи таҷрибаи таълими қаблӣ |
| ТМ | Таълими модулӣ |
| ТАС | Таълим дар асоси салоҳиятҳо |
| ТАБ | Таълим дар асоси баҳодиҳӣ |
| БАС | Баҳодиҳӣ дар асоси салоҳиятҳо |
| СС | Стандарти салоҳиятҳо |
| МТМ МСТ | Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим |
| ВС | Воҳиди салоҳиятҳо |
| НО | Натиҷаи омӯзиш |
| СС | Сертификати салоҳиятҳо |
| БИ | Баҳои иҷро |
| ТКТО | Таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш |
| | |

**Сарсухан**

Аксари давлатҳои ҷаҳон аз таълими анъанавӣ ба таълим дар асоси салоҳиятҳо гузаштаанд. Гузариши мазкур бо мақсади барномаҳои таълимиро барои афзоиши талабот ба кормандони босалоҳият навсозӣ кардан амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти ин тамоюлҳо давлатҳои зиёд, чи тараққиёфта ва чи мутараққӣ *усули таълими модулӣ дар асоси салоҳиятҳоро* ҷорӣ намуданд. Ин муносибат ба ташкили чандирии раванди таҳсилот ва беҳсозии истифодаи барномаҳои таълимиро мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат мусоидат менамояд. Ҳамчунин, он барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии ТКТО мусоидат менамояд. Методикаи таълим дар асоси салоҳиятҳо диққати асосиро ба имкониятҳои бокортаъминкунӣ равона карда, кафолати онро, ки таҳсилот ба талаботи соҳа ва эҳтиёҷоти корчалонии хурд чи дар шаҳр, чи дар деҳаҳо мутобиқат мекунад, медиҳад. Ғайр аз ин, ин усул омӯзиши мустақилонаро дастгирӣ намуда, таълими амалиро чи дар муассисаи таълимӣ ва чи дар дар ҷойи корӣ ҳавасманд мегардонад.

Бо дастгирии раванди навгонии мазкур дастур ба таъмини заминаи боэътимоди техникӣ барои таҳияи барномаи таълимӣ, ки ба стандартҳои салоҳиятҳои соҳавӣ мутобиқ мешаванд, равона шудааст. Дастур инчунин, бо муассисаҳои таълимӣ дар таҳияи барномаҳои таълимии ба салоҳиятҳо асосёфта мусоидат менамояд, ки барои бақайдгирӣ ва амалигардонии барномаҳои омӯзишӣ ва таълимӣ истифода бурда мешаванд ва таълимгирандагони дохилшударо бо салоҳиятҳо ва малакаҳои меҳнатии соҳаҳои мувофиқ зарур таъмин менамояд.

Дастури методии мазкур таҳиягаронро ҳангоми муайянкунии мундариҷаи барномаи таълимӣ афзалнок дар шакли модули таълимӣ ва маводи ёрирасон барои омӯзиш/таълим равона мекунад. Диққати асосӣ ба раванди таҳияи модулҳои таълимӣ дода мешавад, чунки онҳо қисмати асосии барномаи таълимии модулии умумӣ мебошанд.

Дар дастури методӣ он мавод пешниҳод гардидааст, ки ба таҳияи барномаи таълимии модулӣ барои ТАС дар асоси стандартҳои салоҳиятҳо мусоидат менамояд, аз ҷумла:

- мафҳумҳои асосӣ ва принсипи таълим дар асоси салоҳиятҳо бо назардошти тамоюлҳои байналмилалӣ;
- амалиёти умумӣ ва қадамҳо оид ба таҳия ва татбиқи таълим дар асоси салоҳиятҳо;
- қолиб/нусхаи барномаи таълимии таҳияшуда дар асоси салоҳиятҳо дар натиҷаи истифодаи амсилаҳои байналмилалӣ бо мувофиқати миллӣ.
- методологияи таҳияи барномаи таълимии модулӣ дар асоси салоҳиятҳо бо истифода аз қолиб/нусхаҳои барномаи таълимии пешниҳодшуда бо мисолҳо ва супоришҳои амалӣ;
- амалиёт ва принсипҳои идоракунии баҳодиҳии иҷрои корҳо;
- беҳтарсозии малакаҳои муошират/робитаи таълимгирандагон, гузарондани рӯнамо (презентатсия), кор дар даста ва кори гуруҳӣ;
- тақвияти малакаҳои иштирокчиён тариқи супоришҳо.

Дар соли 2023 аз ҷониби ду Лоиҳа: - «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ»-и Бонки Осиёии Рушд (БОР) ва «Кӯмаки техникӣ дар соҳаи маориф ва меҳнат»-и Иттиҳоди Аврупо (ИА) қарори муштарак оид ба бозбинӣ ва навсозии дастури мазкур бо назардошти таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ қабул шуд. Мутахассисон (эксперт)-ҳои ҳарду лоиҳа дар бозбинии дастури мазкур иштирок намуда, маводи такмилдодашударо ба кормандони МТМ ва МСТ пешниҳод намуданд.

**Мафҳумҳо (глоссарий)**

**Номи модул** – ин номи воҳиди салоҳият дар стандарти салоҳиятҳо, ки барои ташаккул додани салоҳияти мушаххас барои иҷрои уҳдадорӣ/ё тарзи фаъолият зарур аст. Он ба кадом салоҳият бояд расид, кӯтоҳ шарҳ дода мешавад. Ҳар як воҳиди салоҳият дар стандарти салоҳиятҳо номи модулро ифода мекунад.

**Тавсифкунанда (дескриптор)-и модул** – тавсифкунандаи модул мақсади умумии модул, ҳаҷм ва маҳдудияти онро шарҳи кӯтоҳ медиҳад. Тавсифкунандаи воҳиди салоҳият дар стандарти салоҳиятҳо ба сифати тавсифкунандаи модул барои мутобиқат истифода бурда мешавад. Онро мумкин аст, муфассалтар таҳия кард, то ки дигар малакаҳо, донишҳо ва муносибатҳои бо воҳиди салоҳият алоқамандро инъикос кунад.

**Натиҷаҳои омӯзиш** – ин натиҷаҳои омӯзиши интизорӣ, ки онро мумкин аст, мушоҳида бурд ва чен кард. Ин мувофиқатии дониш, малака ва муносибатҳои дар асоси стандарти салоҳиятҳо муайяншуда, ки барои соҳа муқаррар шудааст, мебошад. Натиҷаҳои омӯзиш ҳамчунин, мақсади омӯзиши модулро инъикос менамояд.

**Меъёрҳои фаъолияти таълимгирӣ (критерии успеваемости)** – ин аз далелҳои таснифоти сатҳ ва сифати натиҷаҳои омӯзиш ё кори таълимгиранда асоснокшуда замина мегирад, ки ба далелҳои ченшаванда нигаронида шудааст. Онҳо ба шакли фаъолияти таълимгирӣ ишора мекунанд, ки барои муайян кардани бадастоварии натиҷаҳо ё салоҳиятҳо заруранд. Меъёрҳои фаъолияти таълимгирӣ барои баҳодиҳии он, ки то чӣ андоза таълимгиранда бамуваффақият супоришро иҷро мекунад, истифода мешаванд. Онҳо яке аз қисматҳои техникии стандарти салоҳиятҳо ба шумор мераванд.

**Шароит** – ҳолатҳои мушаххас, ки ҳангоми онҳо омӯзиш ва баҳодиҳӣ гузаронида мешавад. Онҳо ба захираҳое, ки барои номзадҳо ҳангоми гузаронидани омӯзиш ва баҳодиҳӣ пешниҳод ва дастрас шудаанд, ишора мекунанд.

**Номзад** – шахсе, ки дархостро барои баҳодиҳӣ ва сертификаткунонӣ пешниҳод кардааст.

**Давомнокии номиналӣ** – ин давомнокии вақти чашмдошт ё тавсияшуда барои бадастории натиҷаҳои омӯзиши дар модул муқарраргардида мебошад.

**Меъёрҳои баҳодиҳӣ** – таснифоти натиҷаҳои фаъолият, ки таълимгиранда бояд то анҷоми омӯзиш ва ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии салоҳиятнокӣ намоиш диҳад.

**Мундариҷа** – дониш, малака ва маҳоратҳои дар стандарти салоҳиятҳо муайяншуда, ки дар асоси бадастории натиҷаҳои интизории омӯзиш замина гирифтанд.

**Баҳо** – раванди ҷамъоварии далелҳо ва баровардани мулоҳизаҳои баҳодиҳанда оид ба дараҷа ва тавсифоти мутобиқатӣ ба талабот/меъёрҳои иҷрои корҳои дар стандарт ё натиҷаҳои омӯзиши ҷамъбастӣ гузоштошуда ва ҳангоми зарурат-муайянкунии он, ки оё салоҳият ба даст оварда шудааст.

**Усулҳои баҳодиҳӣ** – ин воситаҳое мебошанд, ки барои ҷамъоварии теъдод ва сифати кифоякунанда, ки дар асоси онҳо метавон оид ба ноил шудани номзад ба салоҳият хулосаи асоснок баровард, истифода мешаванд. Ба усулҳои баҳодиҳӣ мушоҳида, вонамудкунӣ (симулятсия), саволҳо, рӯнамо (презентатсия) ва баҳодиҳии хаттӣ дохил мешаванд.

**Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо** – ин таснифоти далелҳои талабшавандаи тасдиққкунандаи ноилшавии салоҳиятҳо мебошад. Дар он ҷанбаҳои калидии салоҳиятҳо ва стандартҳо, ки бояд риоя шаванд, муайян гардидаанд. Дар он дониш ва малакаҳои заминавӣ, усулҳои баҳодиҳӣ, хароҷоти захиравӣ ва матни баҳодиҳӣ дарҷ гардидааст.

**Сертификат** – ҳуҷҷатест, ба шахсе дода мешавад, ки барои қабули таснифоти муайян ҳама воҳидҳои салоҳияти зарурииро бо муваффақият намоиш додааст. Ҳуҷҷати мазкур исбот мекунад, ки шахс талаботи кори мушаххасро тибқи стандартҳои муқарраргардида босалоҳият иҷро мекунад.

**Дониш, малакаҳои мувофиқ ва бехатарӣ** – қисмати маърифатӣ (когнитивӣ) ва таъсирбахши зарурии модул буда, аз иҷрои масъалаҳои таълимӣ асос мегирад.

**Муносибат** – азбаски муносибати корманд ба кори самаранок таъсир мерасонад, дар стандарти салоҳиятҳо бояд муносибатҳо, ки бештар барои иҷрои самараноки корҳо манфиатноканд, дарҷ гарданд. Мисол: таълимгирандагон бояд ҳангоми иҷрои кори гурӯҳӣ эҳтиромона рафтор кунанд.

**Рӯйхати назоратии меъёрҳои баҳодиҳӣ** – номгӯйи меъёрҳои мушаххаси аз стандартҳои воқеии касб асос гирифта, барои баҳодиҳии раванд ва/ё маҳсулоти тайёр ҳангоми иҷрои масъалаи касбии корманд истифода мешаванд. Ин рӯйхати назоратӣ бояд ҳамчунин, рафтори кормандон ва меъёрҳои муҳлати иҷрои корҳоро ҳангоми зарурат дар бар гиранд.

**Салоҳият** – қобилияти истифодаи дониш, маҳорат ва малака барои иҷрои супоришҳо ё ҳалли масъалаҳо дар вазъияти стандартӣ ё тағйирёбанда.

**Таълим дар асоси салоҳиятҳо** – таълиме, ки барои бадасторӣ ва намоиши малака, дониш ва муносибатҳо равона гардида, ба талаботи соҳавии мушаххас ҷавобгӯ мебошад, на ба ноилшавии фарди алоҳида.

**Таҳсилот ва омӯзиш дар асоси салоҳиятҳо** – барномаи таълимӣ, ки мундариҷаи он аз ҳалли масъалаҳои санҷидашуда гирифта мешавад. Масъалаҳо (салоҳиятҳо), ки таълимгиранда дар доираи барнома бояд омӯзад ва иҷро кунад, аз масъалаҳое, ки пештар дақиқ муайян ва санҷида шудаанд, асос мегирад. Дар дастур қобилияти иҷро кардан, инчунин, дониши он, ки чӣ ва чӣ хел ва барои чӣ бояд кард, таъкид шудааст.

**Элементҳои салоҳият** – ин зерсохтори воҳиди салоҳиятҳо буда, дар он меъёрҳои иҷрои корҳо дохил мешаванд.

**Воҳиди салоҳиятҳо –** шарҳи кӯтоҳи натиҷаҳои масъалаҳои салоҳият, ки дар он иттилоот оид ба дониш, малака ва муносибат дохил шудааст (мақсади воҳиди салоҳият ва соҳаи малакаҳо васеъ иттилоъ медиҳад).

**Стандарти салоҳиятҳо** – ҳуҷҷатест, ки мутахассисон ва ҳукумат барои муайянкунии таснифоти барои корозмудагон дар амал дар касб ё фанни муайян заруранд, истифода мебаранд. Стандарти салоҳиятҳо инчунин, ҳамчун маҷмӯи меъёрҳо барои баҳодиҳии дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятҳо муайян шудаанд, истифода мешавад, яъне ки инсон бояд дар ҷойи корӣ онҳоро тавре намоиш диҳад, то ки босалоҳияти касбӣ ҳисобида шавад. Стандарти салоҳиятҳо ба корфармоён барои муайян кардани мутобиқатии сатҳи тахассусӣ ба талаботи соҳа кумак расонда, эътирофи онро, ки инсон маҳорати касбиро намоиш дод ва нигоҳдории стандарти олии касби худро давом медиҳад, таъмин менамояд.

**Барномаи таълимӣ** – ҳуҷҷатест, ки дар он силсилаи сохторшудаи натиҷаҳои эҳтимолии омӯзиш ва ба онҳо таҷрибаи омӯзиш алоқаманд, дохил гардидааст (яъне, мақсад ва масъалаҳо, сохтор, мундариҷа, баҳодиҳӣ ва пайдарҳамии он, ки бояд омӯхт). Чун қоида, барномаи таълимӣ дар шакли мувофиқатии воҳидҳои салоҳият, модул ва элементҳо ташкил шудааст.

**Барномаи таълимӣ-тайёрӣ** – барномаи таълимии пурра ва омӯзиш (чӣ ва чӣ тавр), ки барои тайёр кардани гуруҳи шахсон барои бакортаъминшавӣ ва дигар воситаҳо таъйин шудааст.

**Боздеҳ (отдача)** - фаъолияти таълимӣ, ки дар он ба таълимгиранда оид ба муваффақияти ӯ бо ёрии намунаҳои ҷавобҳо, намунаҳои таҳлилҳои танқидӣ, рӯйхатҳои назоратӣ, аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии кор ё дигар воситаҳо иттилоъ дода мешавад.

**Омӯзиши инфиродӣ** – муносибат ба идоракунии раванди таълим, ки дар он диққати асосӣ ба таълимгирандагони алоҳида расондани кумак дар азхудкунии дониш, малака ва муносибати зарурӣ ба кор дода мешавад. Он ба талабот ва афзалияти шахсии таълимгиранда дар ҳама масъала нигаронӣ шудааст.

**Таълимдиҳӣ** – он замоне, ки барномаи таълимӣ мундариҷа ё «он чӣ ки бояд омӯхта шавад» -ро муайян мекунад, таълимдиҳӣ – ин раванд, тарз ё воситаҳо мебошад, ки бо ёрии онҳо омӯзиши эҳтимолӣ ба мақсад мерасад.

**Чорабиниҳои таълимӣ** – амалиёти ҳатмӣ ва/ё ғайриҳатмии иҷрокунандаи таълимгирандаҳо мебошад. Мисол, тамошои сабти видеоӣ, пур кардани номгӯйи чорабиниҳо ё иҷрои дигар намудҳои фаъолият.

**Модул** – вобаста аз талабот ба омӯзиши шахс ва соҳаи алоҳида модули таълимӣ метавонад як ё якчанд воҳиди салоҳиятро дар бар гирад. Вобаста ба ин модулҳои мушаххас таҳия карда мешаванд.

**Таълим бо тарки истеҳсолот** – омӯзише, ки бидуни муҳити муқаррарии корӣ ё дар марказҳои малакаҳои касбии соҳавӣ ё дар ҳуҷраҳои барои мақсади таълим махсус таҷҳизонидашуда мегузарад.

**Меъёрҳои иҷрои кор** - меъёрҳои иҷрои кор ё ҳуҷҷатҳо оид ба доштани салоҳиятҳо ба натиҷаҳои чашмдошти кор ё сатҳи чашмдошти иҷрои кор мансуб меёбад, ки бояд шахси дорои тахассуси кофӣ намоиш диҳад.

**Захираҳо** – ҳама мавод, ки аз онҳо таълимгиранда малака, дониш ва муносибат ба кори барои ҳалли масъалаҳои корӣ зарурanд, мегирад.

**Малака** – қобилияти иҷрои масъалаҳои касбӣ бо дараҷаи муайяни тахассусӣ дар доираи касби додашуда. Малака ҳамчун маҷмӯи се компонентҳои баҳамвобаста фаҳмида мешавад: ҳаракати маърифатӣ (когнитивӣ), таъсирбахш (аффективӣ) ва равонӣ-муҳаррикӣ. Малакаҳо чун қоида, иҷрои масъалаҳоро таъмин мекунанд.

**Масъала** – коре, ки аз қисматҳои гуногун иборат аст, мушоҳидашаванда ва иҷрошавандааст, муддати муайяни вақти маҳдудшуда иҷро мешавад ва ба натиҷаи муайян расондани хизматрасонӣ, ё қабули қарор мерасонад. Масъалаҳо инчунин, мисли салоҳиятҳое фаҳмида мешаванд, ки таълимгирандагон бояд азхуд кунанд, то кормандони муваффақ бошанд.

**Мафҳум ва принсипҳои асосии таълим дар асоси салоҳиятҳо**

Дар замони ҳозира дар бахши рушди захираҳои инсонӣ таҳсилот ва омӯзиш дар асоси салоҳиятҳо ба мутахассисон васеъ маълум аст. Мафҳуми таълим дар асоси салоҳиятҳо ба тайёр кардани захираҳои инсонӣ барои иҷрои як ё якчанд масъалаҳои мувофиқ ба стандарти муайян равона гардидааст. Бешубҳа, захираҳои инсонии бо усули анъанавӣ тайёршуда ба қонеъ кардани талаботи соҳа қобил нест.

Зарур аст, ки бо ёрии омӯзиш фаҳмиш ва дониши мутаалиқ ба усули анъанавиро иваз намоем ва малака ва қобилияти омӯзиш дар асоси салоҳиятҳоро азхуд кунем. **Салоҳият** – қобилияти истифодаи дониш, маҳорат ва малака барои иҷрои супоришҳо ё ҳалли масъалаҳо дар вазъияти стандартӣ ё тағйирёбанда. Дониш, малака ва муносибат бо иҷрои салоҳиятноки масъалаҳо тасдиқ мегарданд.

Низоми ТКТО бояд ба корфармоён кормандони босалоҳиятро пешниҳод кунанд




Муносибати ба салоҳиятҳо асосгирифта усули таълимро мефаҳмонад, ки на танҳо ба раванди таълим, инчунин, ба натиҷаи омӯзиш равона шудааст ва диққати махсус ба амали интизорӣ ва салоҳиятнокии таълимгиранда дода мешавад. Ин усул бо мақсади рушди қобилияти таълимгирандагон барои истифодаи дониш, малака ва муносибатҳои худ дар ҳолатҳои кории воқеӣ таҳия гардидааст.

Усулҳои анъанавии таълим вақти зиёдро талаб мекунанд ва аз дастурҳои қаблан муайянгардидаи давомнокии таълим асос гирифтаанд, мисол, як сол ва ҳоказо. Диққати асосӣ дар ин муносибат ба дастурамал ва тестҳо дода мешаванд, ки танҳо то кадом дараҷа таълимгиранда маводро азхуд кардааст, инъикос мегардад. Айни замон, ТАС бо он қатъан фарқ мекунад, ки замина барои омӯзиш (мундариҷаи барномаи таълимӣ) устуворона ба стандарти салоҳиятҳо асос гирифтааст, ки дар қатори чизи дигар, стандартҳои фаъолияти таълимгириро муайян мекунанд.

Стандартҳои салоҳиятҳои ченшаванда, аз ҷумла, баҳодиҳии салоҳиятҳо тавсифоти калидии ТАС маҳсуб ёфта, методологияи таълим аз онҳо асос мегирад. Вақт ва ҷойи таълим аҳамияти калон надоранд, агар таълимгиранда стандарти салоҳиятҳоро бомуваффақият аз худ кунад. Низом малака ва салоҳиятҳоро яқинан ба назар мегирад, новобаста аз ҷой ва тарзи гирифт, мисол тариқи эътирофи таҷрибаи пешинаи таълим.

Барномаи таълимӣ дар доираи ТАС ба қисматҳои ба ном модулҳои таълимӣ ё дастурамал бо сарлавҳаҳои ба унвони элементи салоҳият дар стандарти салоҳиятҳо монанд тақсим шудаанд. Модулҳо аз элементҳои масъалаҳо, ки ҳар кадомашон мумкин аст, омӯхт ва алоҳида баҳогузорӣ шуд, иборат аст. Мақсадҳо дар доираи муносибат ба ТАС, ҳамчунин ба ном натиҷаҳои омӯзиш, дар шакли шарҳи амиқ ва ченшавандаи дониш, малака ва муносибатҳо, ки таълимгирандагон дар охири ҳар фаъолияти таълимӣ-машқӣ бояд соҳиб бошанд, зоҳир мегардад.

Аз ин лиҳоз, муносибат ба ТАС ба се принсипи асосӣ такя мекунад. Барномаи таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо дар шакли модулҳои таълим, яъне барномаи таълимии модулӣ дар асоси салоҳиятҳо (2), ва баҳодиҳӣ дар асоси салоҳиятҳо (3) бо ҳам алоқаманданд (1), чӣ тавре ки дар поён тасвир шудааст:

Методологияи ТАС




**Бартарии таълим дар асоси салоҳиятҳо**

Барои шахсият:

- имкониятҳои болоравии мансабии аниқ муайяншуда;
- дараҷаи тахассусии дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътирофшуда;
- имконот барои гирифтани тайёрии пурраи касбӣ (омӯзиш);
- эътирофи салоҳиятҳои мавҷуда.

Барои соҳа ё корфармоён:

- нигоҳдории рушди касбӣ ва сифати иҷрои корҳо;
- баланд бардоштани самаранокии иҷрои корҳои кормандон;
- таълим, бевосита ба талаботи корфармо алоқаманд;
- муносибатҳои нисбатан зич бо ташкилкунандагони омӯзиш.

Барои ташкилкунандагони омӯзиш:

- усули нисбатан самарабахши таълим ва таҳсилот;
- алоқаи нисбатан мустаҳкам бо соҳа.

Барои давлат:

- меъёрҳои миллии баҳодиҳӣ дар асоси талаботи соҳаҳо;
- кормандон, ҷавобгӯ ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ.

**Дар ТАС корфармоён нақши бениҳоят заруриро мебозанд, аз ҷумла:**

- дар таҳия ва тасдиқи стандартҳои салоҳиятҳои касбҳо иштирок менамоянд;
- дар таҳияи барномаҳои таълимӣ иштирок менамоянд;
- омӯзиши дар муассисаҳои ТКТО гирифтаро дар амал мукаммал ва тақвият медиҳанд;
- ба таълимгирандагон имконоти таҷрибаомӯзӣ дар вазъиятҳои воқеӣ медиҳанд;
- дар таҳия ва гузаронидани баҳодиҳӣ иштирок менамоянд;
- таълимгирандагонро ҳамчун оянда корманди эҳтимолӣ ба ҳисоб мегиранд;
- ҷойҳои кориро ба хатмкунандагон таъмин мекунанд.

**Фарқияти таълими анъанавӣ аз таълим дар асоси салоҳиятҳо**

| Таълими анъанавӣ | Таълим дар асоси салоҳиятҳо |
| --- | --- |
| Ба омӯзгор нигаронида шудааст | Ба таълимгиранда нигаронида шудааст |
| Рафтори омӯзгор | Талабот ба шахсияти таълимгиранда |
| Таъмин бо барномаҳои таълимии стандартӣ | Таълими инфиродӣ |
| Муқаррар кардани давомнокии марҳилаи кор | Гузаронидани таълими чандирӣ |
| Имтиҳонҳои хатм | Баҳодиҳии шахсият дар раванди таълим |
| Баҳодиҳӣ дар муассисаи таълимӣ | Баҳодиҳӣ метавонад ҳам дар муассисаи таълимӣ, ҳам дар ҷойи корӣ гузарад |
| Диққати махсус ба мӯҳлати таълим ва раванд | Диққати махсус ба натиҷаҳои омӯзиш |
| Меъёрҳои баҳодиҳии стандартӣ | Меъёрҳои баҳодиҳӣ мувофиқ ба стандарт |
| Диққати махсус ба донишҳои таҳвилшаванда | Диққати махсус ба он, ки хатмкунанда чиро дар амал иҷро карда метавонад |
| Тарзи ягонаи гирифтани дараҷаи ихтисос | Якчанд тарзҳои гирифтани дараҷаи ихтисос |

ТАС бо принсипҳои зерин амал мекунад:

- *Натиҷаҳои омӯзиш дар шакли салоҳиятҳо дар асоси стандартҳои миллии эътирофшуда муайян мешавад, яъне, стандартҳои салоҳиятҳои касбӣ, ки талаботро барои бокортаъмишшавӣ инъикос мекунад (ба талаботи бозори меҳнат нигаронидашуда).*
- *Вақти оғоз ва анҷоми курс бо даираи қатъии замонӣ маҳдуд нашудааст; ба таълимгирандагон барои азхудкунии модул вақт дода мешавад.*
- *Низоми дохил ва баромади сершумор. Таълимгирандагон метавонанд, ба барнома дохил шаванд ва дар марҳилаҳои муайян бо сабаби бокортаъмишавии таъҷилӣ аз он бароянд ва имкон доранд, агар шароит пайдо шавад, иштирокро дар барнома аз ҳамон марҳилае, ки омӯзиш қатъ гардид, барқарор кунанд.*
- *Таҷрибаи пешинаи омӯзиш эътироф мешавад (эътирофи таҷрибаи пешинаи омӯзиш, ТКТО). Салоҳиятҳои тариқи таҷрибаи корӣ ва дигар роҳҳои ғайрирасмӣ гирифташуда ба шарте ба диққат гирифта мешаванд, агар таълимгиранда азхудкунии модулҳоро ҳангоми баҳодиҳӣ тавонад, намоиш диҳад.*
- *Пешравии инфиродӣ то ноилшавӣ ба салоҳиятнокӣ, Ба таълимгиранда имконияти давом додани вақти омӯзиш то пурра аз худ кардани салоҳият.*
- *Омӯзиш модулӣ буда, имкон медиҳад, мустақилона суръатро муайян кард, яъне ба таълимгиранда нигаронида шудааст.*
- *Омӯзиши муттаҳидшуда дар ҷойи корӣ, ки дар доираи сенарияи воқеии корӣ пешниҳод гардада, бевосита таҷрибаи амалии кориро таъмин мекунад.*
- *Баҳои таълимгирандагон аз рӯйи иҷрои салоҳиятҳо мувофиқ ба талаботи стандартҳои соҳавӣ асос мегиранд.*
- *Дар сатҳи миллӣ салоҳиятҳо аз ҷониби ташкилкунандагони қайдшудаи барномаҳо эътироф ва аккредитатсия мешаванд.*

**Стандартҳои салоҳиятҳо чист?**

Стандартҳои салоҳиятҳо яке аз принсипҳои заминавии таҳсилот ва таълим дар асоси салоҳиятҳо ва асос барои барномаҳои таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо мебошад. Натиҷаҳои омӯзиш, меъёрҳои иҷро, шароитҳои таълим ва меъёрҳои баҳодиҳӣ аз стандарти салоҳиятҳо сарчашма мегиранд. Стандартҳои салоҳиятҳо таснифоти соҳавии дониш,

малака ва муносибатҳоро, ки корманд барои иҷрои вазифаҳо в/ё фаъолияти касбӣ бояд доро бошад, ифода мекунанд.

Ҷараёни салоҳиятҳо: Консепсияи салоҳиятҳо ҳама ҷанбаҳои фаъолияти кориро дар бар мегирад, ки чун *ҷараёни салоҳиятҳо* ном гирифтааст. Ин ҷараёнҳо бояд ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои баҳодиҳӣ ба назар гирифта шаванд.

Ҷараёнҳои салоҳиятҳо чунинанд:

| | |
|---|---|
| **Малакаҳои иҷрои вазифа** | *Ин амали иҷрокунандаи корманд барои иҷрои масъалаҳо.* |
| **Малакаҳои идоракунии вазифаҳо** | *Ин малакаҳое, ки кормандон барои банақшагирӣ ва муттаҳидкунии якчанд масъалаҳои гуногун бо мақсади ноилшавӣ ба натиҷаи пурра истифода мебаранд.* |
| **Малакаҳои дар муҳити корӣ зарур** | *Ин малакаҳо барои кор бо уҳдадориҳо ва интизориҳои муҳити корӣ заруранд. Ин қобилияти кор кардан дар даста ва ба вазъиятҳои гуногун мутобиқшавӣ.* |
| **Малакаҳои дар вазъияҳои пешбининашуда истифодашаванда** | *Ин малакаҳое, ки корманд ҳангоми вазъияҳои пешбининашуда ё тамоил аз тартиботи муқаррарии корӣ истифода мебарад.* |

Компонент (қисмат)-ҳои стандартҳои касбии салоҳиятҳо

Ба ҳар як стандарти салоҳиятҳо талабот ба малака, дониш, муносибат ва меъёрҳои иҷро, ки ба салоҳиятнокӣ ва инчунин, шаҳодати мушаххас ишоракунанда дохил мешавад ва барои баҳодиҳии салоҳиятнокии корманд заруранд.

Компонентҳо инҳоянд:

| Компонент | Тавсиф | Мисол |
|---|---|---|
| **Номи воҳид** | Тасдиқоте, ки ба воҳиди салоҳияти мувофиқ тааллуқ дорад ва барои иҷрои масъалаҳо заруранд. Он дар истилоҳоти натиҷа тасвият мешаванд. | Қабули фармоиш дар истеҳсолот |
| **Тавсифкунанда (дескриптор)-и воҳид** | Тавсифи ҳаҷми воҳиди салоҳият аз нуктаи назари дониш, малака ва муносибатҳо. Ин васеъкунии Номи Воҳидҳое, ки ба истифодаи умумии малака, дониш ва муносибат дар ҷойи корӣ ишора мекунад | Дар ин фасл дониш, малака ва муносибатҳои барои батанзимороии таҷҳизот заруранд, дида мешаванд. Дар таркиби блок қабул ва қайдгирии супориши истеҳсолӣ, боркунии блок ва танзимкунии таҷҳизот ба кори талабшуда дохил мешавад. |
| **Элементҳо** | Ин воҳиди салоҳиятҳои асосии таркибӣ, ки бо суханҳои дақиқ амал ё натиҷаи намоишдодаи инсони дар соҳаи муайян коркунанда тавсиф мешаванд. | 1. Қабули фармоиш дар истеҳсолот.<br>2. Боркунии блок.<br>3. Танзимкунии таҷҳизот ба амалиёти талабшуда.<br>4. Ҳолати теғро ҷӯр сохтан. |
| **Меъёрҳои иҷро** | Ин муайянкунии сатҳ ё сифати иҷро буда, инчунин, нишондиҳандаи сифати далелҳои танқидӣ барои | 1. Кор мувофиқи амалиёти стандартӣ дар ҷойи корӣ иҷро мешавад.<br>2. Санаи таъминкунӣ дар асоси фармоиш ба истеҳсолот ва |

| | | |
|---|---|---|
| | ноилшавии натиҷаҳо дар элементҳои зарурӣ. | фармоиш ба савдо муайян мегардад. |
| **Спектр (доира)-и тағйирёбандаҳо** | Тавсифи вазъиятҳо ё матн, ки дар он кор иҷро мешавад, инчунин, ҳама чизи зарурӣ барои иҷрои кор тавсиф мешаванд. | Масолеҳ ва маводи хароҷотии зарурӣ:<br>1. Асбоб ва таҷҳизот<br>2. Талабот ба таъмини сифат<br>3. Бехатарии истеҳсолӣ ва ҳифзи меҳнат<br>4. Воситаҳои ҳимоявии инфиродӣ |
| **Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо** | Ин фасл дар стандарти салоҳият, ки ба далелҳои салоҳиятнокӣ, аз ҷумла, ҷанбаҳои калидии салоҳиятҳо ва стандартҳо ишора мешаванд ва бояд риоя шаванд. Ин ҷо, инчунин, дониш ва малакаҳо, матни баҳодиҳӣ, усулҳои баҳодиҳӣ ва хароҷоти захираҳо ишора мешаванд. | Воситаҳои ҳимоявии инфиродӣ мувофиқи талабот ва амалиёти стандартӣ дар ҷойи корӣ истифода мешаванд |

**Алоқаи байниҳамдигарӣ байни стандартҳои салоҳиятҳо (СС) ва барномаҳои таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо (БТАС)**

Таҳияи БТАС мутобиқи стандартҳои миллии салоҳиятҳои тасдиқшуда амалӣ мегардад, чунки компонентҳои мухталифи БТАС аз нишондиҳандаҳои стандарти салоҳиятҳо берун мешаванд, чӣ тавре ки дар расми поён нишон дода шудааст:




**Татбиқшавии барномаҳои таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо дар шаклҳои мухталифи таълим**

Омӯзиш метавонад, бо тарзҳои гуногун ва модалӣ (услубӣ) будани таълим татбиқ шавад. Имкон аст, аз доираи васеи модалӣ таълимро, ки дар он ба натиҷаҳои интизорӣ ба тарзи бештар фоиданок ва самарабахш метавон ноил шуд, интихоб намуд.

Ҳангоми таҳияи барномаи модулӣ зарур аст, талаботи таълимгирандагонро дар таълими мухталифи модалӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои онҳо ба инобат гирифт. Таҷрибаи омӯзиш бояд ҳадди аксар фаъолияти аслии фаъолият ва/ё корро тақлид кунад.

БТАС –ро метавон барои дастгирии стратегияҳои мухталифи омӯзиш ва баҳодиҳӣ татбиқ намуд. Мисол:

*a)* ***Омӯзиши мустақилона*** *бо истифодаи маводи таълимии модулӣ.*

*b)* ***Аз рӯйи вақти анъанавӣ амсилаи омӯзиш*** *бо пешравии муштараки таълимгирандагон.*

***c) Амсилаи омӯзиши дугона****, ки ба коромӯзон имкони таълимро дар муассисаи таълимӣ, ҳам дар майдони соҳавӣ пешниҳод менамояд*

*d)* ***Омӯзиш дар ҷои корӣ*** *– коромӯзон баъди анҷоми таълим дар муассисаи таълимӣ озод мешаванд.*

Усулҳои дар боло зикршуда метавонанд, аз рӯйи чанд ҷанбаҳо фарқ кунанд, аммо истифода ва риояи як БТАС барои кори мушаххас ба натиҷаҳои монанд меорад.

Мақсадҳои курс, шароит ва натиҷаҳои муқаррарградидаи омӯзиш, инчунин, усулҳои баҳодиҳӣ бо курсҳои усулҳои дигари таълим гузаранда бо ҳам мувофиқанд.

**Таҳияи барномаи таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо**

Бо мақсади таъмини таҳияи таснифоти таълимӣ, яъне нақшаҳои таълимӣ дар асоси таснифоти бокортаъминшавӣ, яъне стандартҳо, ТАС танҳо аз стандарти салоҳиятҳои ба БТАС алоқаманд таркиб ёфтааст, ки дар зер оварда шудааст:




Муносибати бонизоми барномаҳои таълимии модилӣ дар асоси салоҳиятҳо (БТМАС)-и дар боло зикршуда, ки самаранокии ибтидоии иқтисодноки ТКТО ва рушди малакаҳои кормандон, таълим ва азнавтайёркунии ҷавонон, калонсолон ва бекоронро таъмин мекунад, ҳамчунин, диққати заруриро ба бокортаъминшавӣ барои мувофиқатии таълим ба талабот ба бозори меҳнат таъмин менамояд, дар бар мегирад. Низоми фарзшудаи БТМАС ҳамчунин. ба низоми ТКТО-и сатҳи минтақавӣ – Осиёи Миёна, Аврупо ва Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ мувофиқат менамояд, чун ки мамлакатҳои гуногуни ин минтақаҳо оид ба ҷорӣ намудан ва рушди усул ва барномаҳои модулӣ дар асоси салоҳиятҳо ба пешрафти зиёд ноил шудаанд.

Ҳамин тариқ, БТМАС ивазшавии муносибатро ба ТКТО-и Тоҷикистон инъикос менамояд. Аз ҷумла, БТМАС – ин сохтори омӯзиш ва таълими банақшагирифта буда, натиҷаи омӯзиш, стратегияи таълим, методология ва захираҳои заруриро барои таъмини таълимгирандагон ба дониш, малака ва муносибатҳо, муайян мекунад. Таҷрибаҳои мухталифи таълим муайян гардида, ба таълимгирандагон барои азхудкунии малакаҳо барои бокортаъминшавӣ лозиманд, пешниҳод мегарданд. Ғайр аз ин, БТМАС дониш, малака ва муносибатҳои зарурири муайян мекунад, ки заминаро барои иҷрои функсия ва/ё касби мушаххас таъмин мекунад.

БТМАС аз стандарти салоҳиятҳо асос мегирад. БТМАС дар асоси стандартҳое, ки аз ҷониби коршиносон (экспертҳо)-и соҳавӣ тасвият ва санҷида шудаанд, таҳия мегардад. Барнома як қатор нишондиҳандаҳои стандартии самаранокиро дарҷ кардааст, ки дар натиҷаҳои БТМАС муқаррар шудаанд.

Дар БТМАС диққати асосӣ ба ноилшавии натиҷаҳои интизории таълимгиранда дода мешавад, на ба раванди таълим. Муносибат ба таълимгиранда нигаронида шудааст, на ба омӯзгор, зеро ки нақшаи таълимӣ вақти иловагиро барои иштироки таълимгиранда дар чорабиниҳои таълимӣ таъмин мекунад ва ба ӯ барои бо мақсади ноилшавӣ ба натиҷаҳои муайяншудаи таълим масъулияти зиёдро мегузорад. Ба таълимгиранда маҷмӯи васеи маводи таълимӣ пешниҳод мегардад, аммо омӯзгор/усто усул ва стратегияҳои гуногунро барои интиқоли дониш ва малакаҳо истифода мебарад.

БТМАС ба қисматҳои таркибӣ тақсим мешавад, ки ҳамчун модули таълимӣ (МТ) бо сарлавҳаи шабеҳ ба номи воҳиди салоҳият дар стандарти салоҳиятҳои касб маълум аст. Дар БТМАС мундариҷаи омӯзиш, усулҳои он ва мавод, аз ҷумла, иттилооти техникии мувофиқ пешниҳод гардидаанд. Онҳо ҳамчунин, метавонанд, чун модули мустақил амал кунанд, ки алоҳида омӯзонда ва баҳогузорӣ мешаванд.

Таҳиягарони барномаҳои таълимӣ барои ТАС бояд омӯзгорони муассисаҳои ТКТО ҶТ бошанд, дараҷаи тахассуси лозимӣ ва барои таҳияи барномаҳои касбӣ, ки аз ҷониби бахши ТКТО ҶТ дар бахши соҳавӣ пешниҳод мегарданд, таҷрибаи муосири корӣ дошта бошанд. Таҳиягаронро зарураст, талаботи муосири корфармоёнро ба иҷрои фаъолияти корӣ донанд.

Таҳиягарони БТМ/омӯзиш ва баҳодиҳӣ барои ТАС бояд ба он, ки стратегия ва мундариҷаи барномаи додашуда ба стандарти салоҳиятҳо мутобиқ бошанд, мусоидат намоянд. Таҳиягарон бояд стандарти салоҳиятҳоро бо диққат омӯзанд, натиҷаҳои чашмдошти иҷрои корҳоро, ки инсон бояд барои мутахассиси сертификатсияшуда будан намоиш диҳад, дарк кунанд. Меъёрҳои иҷрои касб воситаи асосӣ мешаванд, ки таҳиягарони барномаи таълимӣ онро барои баҳодиҳии иҷрои кор барои ТАС истифода мебаранд.

**Принсипҳои асосии таҳияи барномаи таълимӣ барои ТАС**

- Барномаи таълимӣ барои ташкилкунандаҳои омӯзиш аёнияти таълимӣ мешавад;
- Барномаи таълимӣ бояд дар асоси стандарти салоҳияти касб, ки аз ҷониби бахшҳои соҳавӣ ва корфармоён муайян шудааст, таҳия гардад;
- Дар раванди таҳия бояд намояндаҳои соҳа иштирок намоянд;
- Таҳиягарон бояд таҷрибаи корӣ дар соҳа ва таҳсилоти касбӣ-техникӣ дошта бошанд;
- Мундариҷа бояд ба стандартҳои ҳар як касб ва стандарти салоҳиятҳо мутобиқ бошад;
- Барномаи таълимӣ супориши таълимӣ ва баҳоро, ки ба омӯзиш мусоидат мекунад ва дар навбати худ, уҳдадориҳои таълимгирандагонро дар кори оянда инъикос менамояд, тавсиф мекунад;
- Барномаи таълимӣ натиҷаҳои омӯзиш ва салоҳиятҳои чашмдошти хатмкунандаро муайян менамояд;
- Баҳодиҳии салоҳиятҳо қисмати ҷудонашавандаи барномаи таълимӣ мебошад;
- Барномаи таълимӣ барои ҳама истифодабарандагон (омӯзгорон, таълимгирандагон, коршиносон ва корфармоён) бояд шаффоф бошад.

Ҳар кадом барномаи таълимӣ бояд натиҷаҳои омӯзиш ва салоҳиятҳои чашмдоштро, ки таълимгирандаҳо дар давраи омӯзиш мегиранд, равшан ишора кунад. Ин махсусан барои ТАС ва ҳамаи онҳое, ки дар раванди таълим иштирок мекунанд, инчунин, ба таълимгирандагони эҳтимолии низоми ТКТО ҶТ, муҳим аст. Шаффофияти натиҷаҳои омӯзиш, ки салоҳиятҳои касбӣ ва баҳои иҷроро талаб мекунад, вазифаи асосии ин барномаҳои таълимӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ба барномаи таълимии дар асоси ВС тахияшуда натичаҳои омӯзиш, донишҳои умумӣ, фаҳмиш ва малакаҳо, ки таълимгиранда бояд доро бошад, дохил мешавад. Натичаҳои омӯзиш ин коромӯз (стажёр) чиро ва чӣ тавр метавонад, дар ҷойи кор ичро кунад, тавсиф менамояд (намоиш додани ичрои масъалаҳо/малакахо, дониш, муносибатҳо).

Таҳиягарони барномаҳои таълимӣ бояд дар хотир дошта бошанд, ки омӯзиш дар асоси салоҳиятҳо қисмати зиёди вақти омӯзишро ба фаъолияти амалӣ равона мекунад, яъне, Фаъолияте, ки дар он таълимгирандаҳо масъалаҳои муайянеро ичро мекунанд.

**Сохтори таҳияи БТМ:**



**Омилҳое, ки бояд ҳангоми таҳияи барномаи таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо ба инобат гирифта шавад**

Ҳангоми таҳияи барномаи таълимӣ дар асоси салоҳиятҳо омилҳои дар расми зер овардашударо бояд ба инобат гирифт:




a) **Коромӯзон/Таълимгирандаҳо**

Ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ муҳим аст, хусусияти таълимгирандаҳо, талаботи онҳо, мақоми оилавӣ, таҷриба ва интизориҳои онҳо муайян карда шаванд. Таҳлили доираи дониш ва малака (профил)-и таълимгиранда ба таҳиягар барои таҳияи барномаи мувофиқ ба вазъияти омӯзиш кумак мерасонад.

b) **Натиҷаи омӯзиш**

Натитҷаҳои омӯзиш ба таълимгирандаҳо баъди анҷоми барнома оид ба кадом комёбиҳо метавонанд, расиданро интизоранд, пешниҳод менамояд. Ин натиҷаҳо ба меъёрҳои иҷрои стандарти салоҳиятҳо мувофиқат менамояд. Механизми робитаи мутақобила барқарор мегирад, то ки муайян шавад, оё омӯзиш бомуваффақият гузашт?

c) **Мундариҷаи омӯзиш**

Мундариҷаи омӯзиш бояд дар худ иттилоотро, ки ба таълимгиранда барои дарк кардани принсипҳо, назарияҳо ва равандҳои кории дар фаъолияти корӣ истифодашаванда кумак мерасонад, дошта бошад. Ин дониш, малака ва муносибатҳо бояд ба талаботи мушаххаси ҷойи корӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои интизории омӯзиш мутобиқ бошанд. Стандарти салоҳиятҳо бояд фаъолияти кориро, ки барои муайян кардани миқдори модулҳои барои фаро гирифтани натиҷаҳои банақшагирифта заруранд, таҳлил кунад. Ҳамин тариқ, андозаи мундариҷаи модулҳо, инчунин, муносибат ба омӯзиш ва усулҳои баҳодиҳӣ беҳтар муайян мешавад. Мундариҷаи омӯзиш инчунин, ба тавсифкунанда (дескриптор)-ҳои сатҳҳо бояд истинод шавад, зеро ки онҳо натиҷаҳои интизории омӯзишро тавсиф мекунанд. Натиҷаҳои омӯзишро бояд аз нав дида баромад ва боварӣ ҳосил кард, ки онҳо ба сатҳи сертификатсияи дар низоми миллии тахассусии Тоҷикистон тавсифшуда мутобиқанд. Мундариҷаи омӯзиш ҳамчунин, бояд бо талаботи таълимгиранда алоқаманд бошад ва равшан ва дастрас пешниҳод гарданд.

d) **Усулҳои таълим**

Усулҳои таълим бояд ба шакли маводи таълимӣ ва агар имкон бошад, ба услуби таълими таълимгиранда, мувофиқ бошанд. Бояд таҳқиқот бурд ва усулҳои гуногуни таълимро ба завқи таълимгиранда истифода бурд. Ҳар қадаре, ки усулҳо гуногун бошанд, ҳамон қадар онҳо завқи зиёд ба вуҷуд меоранд ва мавод беҳтар аз худ карда мешавад.

e) **Захираҳои баҳодиҳии омӯзиш**

Захираҳои омӯзиш ва баҳодиҳӣ ба таълимгиранда таъмини имкониятҳоро пешниҳод мекунад, то ки иҷро намудани супориши таълимӣ ва баҳодиҳии комёбиҳоро гузарад.

Захираҳои пешниҳодшаванда бояд ба супориш ё салоҳиятнокие, ки баъди анҷоми омӯзиш бояд баҳогузорӣ шаванд, мутобиқ бошанд. Ин захираҳо дар спектри (доираи) тағйирёбандаҳо и стандарти салоҳиятҳо нишон дода шудаанд. Диапазони тағйирёбандаҳо чандирии истифодабарии элементҳои таълимиро дар матнҳои гуногун таъмин менамояд

Захираҳо барои омӯзиш ва баҳодиҳӣ бояд ба онҳое, ки дар соҳа истифода мешаванд, ба қадри имкон, айнан ё монанд бошанд. Ҷоиз аст, захираҳои монандро, ки талаботи соҳаро амсиласозӣ кардан имкон медиҳад, истифода бурд.

f) **Стратегияҳои баҳодиҳӣ**

Баҳодиҳӣ – ин раванди муайянкунии қарор оид ба ноилшавӣ ба салоҳиятнокӣ баъди анҷоми омӯзиш. Усул ва воситаҳои баҳодиҳӣ бояд барои тасдиқи азхудкунии салоҳиятнокӣ муайян ва таҳия шаванд. Баҳодиҳӣ бояд бо меъёрҳои фаъолияти таълимии дар стандарти салоҳиятҳо муайяншуда алоқаманд бошад.

**Марҳилаҳои таҳият БТАС**

Марҳилаҳо:

a) Қабули *стандартҳои салоҳиятҳои тасдиқшудаи миллӣ* барои барномаи таълимӣ ва/ё мансаб/тахассус/кор ё соҳаи фаъолият. Стандарти салоҳиятҳо ҳуҷҷати зарурӣ барои таҳияи БТАС мебошад. Дар он салоҳиятҳои зарурӣ барои мансаб ё соҳаи додашуда тавсиф шудааст. Муътақид шавед, ки стандарти салоҳиятҳо мутобиқ ба стандартҳои соҳавӣ тасдиқ шудаанд ва расман аз ҷониби мақомоти миллии дахлдор барои дар сатҳи миллӣ истифодабарӣ нашр гардидаанд.

**<u>Номи курс ё барнома</u>** аз номи стандарти салоҳиятҳо дар шакли феъли ҳозираи давомноки замонӣ пайдо мешавад.

b) Дар асоси таҳлили воҳидҳои тахассусии стандарти салоҳиятҳо қарор диҳед, оё зарурати воҳиди мушаххасро **<u>ба як ё якчанд модул (омӯзишӣ</u>**) тақсим кард ё не. Андозаи модул метавонад, тариқи миқдори вақти омӯзиш муайян шавад. Ин метавонад, аз мушкилии мундариҷаи дониш, ки якчанд натиҷаҳои омӯзишро дар бар мегиранд, вобастагӣ надорад. Таҳлил ҳамчунин, тасаввуротро оид ба усулҳои дахлдори татбиқшавӣ, стратегияи мушоияткунанда ва усулҳои таълим бояд диҳад.

**Эзоҳ:** *Модулҳо бо назардошти натиҷаҳои омӯзиш, ки дар муҳлати маъқул бо назардошти сатҳи таълимгирандагони курс/барномаи таълимӣ ба даст меояд, бояд андозаи муносиб дошта бошанд.*



Миқдори модулҳои таълимиро мумкин аст, тибқи давомнокии тамоми курс/барнома ё сатҳи миллии тахассусҳо муайян кард, ки аз мураккабии донишҳои талабшаванда ва миқдори натиҷаҳои интизории омӯзиш вобаста аст. Ин ишоракунандаи давомнокии номиналии ҳар модули таълимӣ мешавад, ки дар маҷмуъ давомнокии пурраи курс/барномаро ташкил мекунад.

**Таҳияи барномаҳои таълимии дарбаргирандаи ҳама воҳидҳои салоҳиятҳо**

Барнома барои қабули тайёрии пурраи касбӣ (омӯзиш) кӯшиш мекунад, тамоми воҳидҳои салоҳиятҳоро якҷоя кунад.




Ҳангоми таҳияи пурраи тайёрии касбӣ (омӯзиш) ё барномаи таълимии модулӣ бояд ба назар гирифт, ки оё барнома бояд дарозмуҳлат, муттаҳидшуд бошад, яъне теъдоди масъалаҳои зиёди омӯзишро дар бар гирад, ё бояд марказонида ва кӯтоҳмуддат бошад, яъне барномаи таълимӣ бо масъалаҳои маҳдудшудаи омӯзиш. Ин гуна барномаҳои кӯтоҳмуддат дархости он таълимгирандаҳо мебошад, ки муддати дароз дар ҷойи кори худ ҳозир шуда наметавонанд.

Муносибати модулӣ ба таҳияи барномаи таълимӣ боз як афзалият дорад: барои дастгирии завқи таълимгирандагон кумак мерасонад, малакаҳоро шиддатнок рушд медиҳад, ҳалли самараноки масъалаҳои мушаххаси касбиро таъмин мекунад

c) Тавсифи курс/барномаро дар шакли устувор тавсифкунандаи салоҳиятҳое, ки барои ноилшавӣ заруранд, омода кунед.

Мисол курси касби «Роҳбалад» чунин тавсиф мешавад:

> Ин курс барои васеъ кардани дониш, малака ва муносибати инсон дар соҳаи тартиб додани хатсайри ҳаракати сайёҳон, оид ба объектҳои сайёҳии зиёратшаванда муқаррар шудааст.
> Он салоҳиятҳои заминавӣ, умумӣ ва асосиро дар бар мегирад, аз ҷумла: тартибдиҳии харитаи технологиии хатсайри саёҳат ва ҷамъоварии иттилоот оид ба объектҳои гузарондани экскурсияҳо.

d) **Натиҷаҳои курс/барномаҳоро** муайян кунед, салоҳиятҳои интизориро нишон диҳед, ки ҳангоми анҷоми курс/барнома ноил мешаванд.

Мисол: касби «Роҳбалад»

> Баъди анҷоми курс ба таълимгиранда имкон мешавад:
> - тартиб додани хатсайри ҳаракати сайёҳон;
> - ҷамъоварӣ намудани иттилоот оид ба объектҳои гузарондани экскурсияҳо.

e) **Сохтори курс/барномаро** омода кунед, ки ҷобаҷогузории пайдарҳамии модулҳо дохил бошанд ва салоҳиятҳои заминавӣ, умумӣ ва калидиро ё мутобиқ ба пайдарпайии равандҳои кории барои касб, кор ё соҳаи фаъолият хос мебошанд, дар бар гиранд.

Мисол, курс/барномаи касби роҳбалад бо тарзи зерин сохта мешавад:

**Курс/барнома чунин таҳия гардидааст, то воҳидҳои салоҳиятҳои навбатиро, чӣ тавре ки дар стандарти салоҳиятҳо барои роҳбалад нишон дода шудааст, дохил кунем:**
**ЭЗОҲ: ВС** *–ВОҲИДИ САЛОҲИЯТ,* ***НМ*** *– НОМИ МОДУЛ*

*Сохтор комбинатсияи салоҳиятҳои асосии интихобшуда (касбӣ)-ро, ки дар стандарти салоҳиятҳо барои роҳбалад муқаррар шудааст, дар бар мегирад*

Ҳангоми таснифкунии усулҳои баҳодиҳӣ бояд мутобиқатиро ба воҳидҳои салоҳият ба назар гирифт ва натиҷаҳои омӯзишро таҳлил кард. Агар дар онҳо миқдори иттилоот, ба мисли: назария, принсипҳо, тестҳои хаттӣ, мусоҳиба (интервю) ва аттестатсияи шифоҳӣ барои амалиёт ё равандҳои ба иҷро равонашуда зиёд бошад, мумкин аст, усули намоиш, усули лоиҳасозӣ, бозии интерактивӣ (ҳамгиро) ва ғ.-ро истифода бурд. Ин ба қабули қарор оид ба кадом усули баҳодиҳӣ бештар ба ҷамъоварии далелҳои салоҳиятҳо муносиб аст, бояд орад.

**Эзоҳ:** *воҳидҳои салоҳият ҳастанд, ки барои онҳо мушоҳида дар давоми давраи муайян лозим мешавад, ки бояд дар усули баҳодиҳӣ нишон дода шавад, аз ҷумла: вақт ва ҷойи гузаронидани баҳодиҳӣ.*

f) **<u>Усули пешниҳоди курс/барнома</u>** бояд ба шакли мундариҷаи омӯзиш ва ба андозаи имкон, услуби омӯзиши таълимгиранда мутобиқ бошад. Барои омӯзиши самараноки таълимгиранда бояд усулҳои гуногуни тадрисро таҳлил кард ва истифода бурд.

g) **<u>Захираҳо барои омӯзиш ва баҳодиҳӣ</u>** бояд тибқи тавсифи фаъолият ё салоҳият, ки баҳогузорӣ мешаванд, пешниҳод гарданд. Ин захираҳо дар доира (спектр)-и тағйирёбандаи салоҳиятҳо ишора шудаанд. Ҳама асбоб, таҷҳизот, масолеҳ ва лавозимоти барои ташкили самараноки курс зарурро номбар кунед.

**h)** Ҳангоми муайян кардани **<u>талабот барои дохилшавӣ</u>** бояд мураккабии воҳидҳои салоҳият ва аз он муҳим, боз сатҳи сертификаткунониро ба назар гирифт. Ҳамчунин, бояд ба дараҷаи лозимӣ талаботи ҷисмонии раванди корӣ ва тавсифномаи сабуккунандаи тайёриро ба ҳисоб гирифт. Ба сифати талабот ба сатҳи тайёрии таълимгиранда омилҳои зерин метавонанд, дида шаванд: i) сатҳи таҳсилот; ii) синну сол; iii) ҳолати оилавӣ; iv) сохти ҷисмонӣ; v) сифатҳои шахсӣ, ба монанди эътимодият, ҳавасмандии баланд.

***Таснифоти инструкторҳо (устоҳои таълими истеҳсолӣ)*** метавонанд, дар стандарт муайян шаванд, аммо онҳо бояд ба қарорҳои давлатии кирои инструкторҳо дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ мутобиқат кунанд.

**Омодакунии модулҳо**

Дар мисоли гузашта мо муҳокима рондем, ки модул на танҳо ба воҳидҳои салоҳияти алоҳида, балки ба элементҳои ин воҳидҳо мувофиқанд. Бинобар ин, эҳтимол аст, ки як модул метавонад, ба якчанд воҳиди салоҳият истифода шуд, ё як воҳиди салоҳият метавонад, якчанд модули таълимиро талаб кунад. Аз ин сабаб, ҳангоми таҳлили воҳидҳои салоҳият бояд матритса сохт, ки дар он талаботи умумӣ ба дониш ва малакаҳо, то роҳ надодан ба такроршавӣ, инъикос ёбад.




i)Номи модул метавонад, дар асоси номи воҳиди салоҳият тасвият шавад ва бояд аниқ ишора кунад, ки дар модул дар бораи чӣ гап меравад. Он метавонад, дар асоси номи воҳиди салоҳият ё яке аз элементҳо сохта шавад.




j)Тавсифкунанда (дескриптор)-и модул бояд мақсади умумиро, ки бо натиҷаҳои омӯзиш алоқамандаст, инъикос намояд. Тавсифкунанда ба натиҷаҳои омӯзиши дар натиҷаҳои омӯзиши курс/барнома номбаршуда истинод мегирад. Инчунин, ҳаҷм ва маҳдудияти модулро бояд бо истилоҳоти аниқ ва дақиқ ифода кард.

НОМИ МОДУЛ: ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ХАТСАЙРИ ҲАРАКАТ
ТАВИФКУНАНДАИ МОДУЛ: Модули мазкур дониш, маҳорат, малака, ва муносибати заруриро оид ба тартиб додани хатсайри ҳаракати сайёҳон, ҷамъ кардани маълумот дар бораи мавзеъҳои сайёҳон ташаккул медиҳад.

k) Натиҷаҳои омӯзиши модулиро муайян кунед

Мақсадҳои омӯзиш натиҷаҳои интизории омӯзишро ифода мекунад. Ин пайвастагии дониш, малака ва муносибатҳои дар асоси салоҳият муқарраргардида, ки соҳа муайян кардааст ва таълимгиранда бояд ноил шавад. Фаъолият бояд мушоҳидашаванда ва ченкунанда бошад.

Ҳангоми тасвияти мақсадҳои омӯзиш муҳим аст, воҳидҳои салоҳиятро бо ддиққат дида баромад. Ба назар гирифтан муҳим аст, ки модул бо мақсади боварӣ ҳосил кардан, ки натиҷаҳои омӯзиш ба сатҳи тайёрии таълимгирандагон ва стандартҳои салоҳиятҳои

муқаррааргардида мувофиқат мекунад, тахия мешавад. Мақсадҳои омӯзиш бояд амали мушаххасро тавсиф кунад, ки таълимгиранда бояд дар ҷойи корӣ, баъди анҷоми омӯзиш иҷро кунад.

Баъди анҷоми курс ба таълимгиранда имкон мешавад:
НО 1: Тартиб додани харитаи технологии хатсайри саёҳат.
НО 2: Ҷамъ кардани маълуот оид ба мавзеъҳои экскурсия.
НО – натиҷаҳои омӯзиш

l) Меъёрҳои баҳодиҳии модулро муайян кунед

Меъёрҳои баҳодиҳӣ мушаххасоти натиҷаҳои корро, ки таълимгиранда бояд дар анҷоми омӯзиш ва ҳангоми баҳодиҳии салоҳиятнокӣ намоиш диҳад, ифода мекунад. Меъёрҳо бо роҳи дида баромадани меъёрҳои фаъолияти таълимӣ ва дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо муайян карда мешаванд. Бояд мутобиқатӣ байни ин компонент (қисмат)-ҳо ва стандарти салоҳиятҳо вуҷуд дошта бошад. Меъёрҳо он чизеро барои таълимгиранда равшан мекунад, ки чӣ тавр баҳодиҳии фаъолияти таълимӣ гузаронида мешавад. Ин меъёрҳо барои баҳодиҳанда ҳангоми муайянкунии бадастории салоҳиятнокӣ асос мешавад.

Мисол:

1.1. Гирифтани маълумот оид ба масири ҳаракати сайёҳон.
1.2. Ҳисоб кардани вақти сафар оид ба хатсайр.
1.3. Гирифтани маълумот оид ба воситаҳо ва усулҳои нақлиёт дар хатсайр.
1.4. Муайян намудани мавқеи ҷамъоварии сайёҳон.

m) Мундариҷаи модулро муайян кунед

Мундариҷаи модул бояд дониш ва малакаҳои заминавиро, ки ба таълимгиранда ноилшавии натиҷаҳои муайяни омӯшиш имкон медиҳад, дар бар гирад. Дар номгӯй бояд танҳо иттилооти мушаххас ва техникӣ, ки барои иҷрои масъалаҳои корӣ ва ноилшавии натиҷаҳои таълимӣ аҳамият дорад, дохил кард. Ҳамчунин, мумкин аст, ба қисмати дониш ва малакаҳои заминавӣ дар дастур оид ба далелҳо истинод кард.

n) Шароитҳоро барои ҷорӣ намудани модул муайян кунед.

Захираҳои барои пешниҳоди модул зарурииро муайян кунед. Инро бо таҳлил кардани рӯйхати объектҳо, таҷҳизот, асбобҳо, масолеҳ ва воситаҳои дар қисмати «спектри тағйирёбандаҳо» кардан мумкин аст. Дигар захираҳои таълимии фоиданокро ҳамчунин, баъди санҷиш ба актуалӣ, мутобиқатӣ ба мақсади омӯзиш ва дастраснокӣ дохил кард. Ин шароитҳо бояд барои омӯзиш ва баҳодиҳӣ дастрас бошанд.

Ба таълимгиранда бояд маводи зерин пешниҳод гарданд:

o) Усули баҳодиҳии модулро муайян кунед

Усулҳои баҳодиҳӣ – ин воситаҳое, мебошанд, ки барои ҷамъоварии далелҳо истифода мешаванд ва дар асоси онҳо мумкин аст, хулосаи асоснокро оид ба ноилщавии номзад ба салоҳиятнокӣ баровард. Усулҳои баҳодиҳӣ мушоҳида, амсиласозӣ, саволҳо, рӯнамо (презентатсия) ва тести хаттиро дар бар мегирад.

- Ба саволҳо шифоҳӣ ҷавоб додан/масоҳиба
- Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор

p) Усули баҳодиҳиро бояд бо дастур оид ба далелҳо аз стандарти салоҳиятҳо, ки методологияи тавсияшудаи баҳодиҳии гирифтани салоҳиятҳоро дар бар мегирад, муқоиса кард. Ҳамчунин, муайян кунед, оё баҳодиҳӣ зери назорат, онлайн, шифоҳӣ, амалӣ ё дар шакли хаттӣ мегузарад. Макони гузаронидани баҳодиҳӣ, низ бояд муайян карда шавад.

q) Методологияи гузаронидани омӯзиши модулиро муайян кунед

Методологияи омӯзиш/тренинг аз тавсифи воҳиди салоҳият, мавҷудияти захираҳои зарурӣ ва пеш аз ҳама, мақсадҳои дилхоҳи омӯзиш вобастагӣ дорад. Шумо метавонед, ба методологияи пешбинишуда дар қисматҳои «мундариҷаи омӯзиш» ва «дастур оид ба далелҳо» истинод гиред.

- ❑ Лексияи хурд
- ❑ Кор дар гурӯҳҳои хурд
- ❑ Муҳокима дар гурӯҳҳо
- ❑ Мастер-класс
- ❑ Бозии нақшӣ

r) Давомнокии номиналии модулро ба ҳисоб гиред

Давомнокии номиналӣ – ин вақти интизорӣ барои иҷро ва анҷомдиҳии модул ва машқҳои он зарур. Баҳодиҳӣ метавонад, аз тавсифот ва мураккабии модул, инчунин, аз шумораи натиҷаҳои омӯзиш асос гирад. Давомнокии умумии номиналии модул – ин ҷамъи вақти интизорӣ барои ҳар як натиҷаи омӯзиш мебошад. Давомнокӣ метавонад, ҳангоми зарурат, дар асоси мушоҳидаи қобилияти таълимгирандагони ҷорӣ аз нав дида шавад.

**Таҳияи элементҳо/воҳидҳои омӯзиш**

Элемент/воҳидҳои таълимӣ китоби худомӯзии тасвирӣ буда, барои азхудкунии малака ва донишҳои барои ноилшавии мақсади омӯзиши дар модули таълимӣ муайяншуда таҳия шудааст. Онҳо иттилоот ва амалиёти корӣ ё раванди кориро, ки ба таълимгиранда иҷрои корро мувофиқи меъёрҳои иҷрои дар стандарти салоҳиятҳо муайяншуда имкон медиҳад, дар бар мегирад.

Алоқаи байниҳамдигарии модулҳо ва элемент/воҳидҳои омӯзиш:

Барои таҳияи элемент/воҳидҳои омӯзиш модули таълимӣ асос мебошад, ки натиҷаҳои омӯзишро барои воҳиди салоҳият муайян мекунад. Мақсади омӯзиш меъёрҳои баҳодиҳиро барои ҳар як мақсади омӯзиш, мундариҷаи модул, шароит, усулҳои баҳодиҳӣ ва усулҳои таълим тафсил (муфассал) медиҳад. Алоқаи байниҳамдигарӣ дар зер оварда шудааст:




**Асосҳои институтсионалӣ барои таҳияи барномаи таълимии модулӣ дар асоси салоҳиятҳо (БТМАС)**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва беҳтарини лоиҳаҳои БОР нишон медиҳанд, ки стратегияи таҳияи БТМАС, ки дорои самаранокии баланд мебошад, бо роҳи ташкил кардани кумитаҳо оид ба таҳия кардани барномаҳои таълимӣ ё даста (ҳо) барои таҳияи барномаҳои таълимӣ ба даст меоянд ва дар он иштирок менамоянд: i) намояндагони соҳаҳо; ii) коршиносон оид ба таҳияи барномаҳои таълимӣ; iii) мутахассисони соҳаи фаннӣ аз муассисаҳои таълимӣ бо таҷрибаи мувофиқ дар соҳаи омӯзиш. Ҳамаи онҳо шахсони захиравӣ барои муайян кардани натиҷаҳои омӯзиш, мундарича, усулҳо, воситаҳо ва дигар компонентҳои таҳия кардани барномаи ҳаматарафаи таълимии модулӣ мешаванд (БТМ).

Сохтори даста (команда) оид ба таҳияи барномаҳои таълимӣ (ДТБТ), ки дар он аъзои даста интихоб шудаанд, дар зер оварда шудааст.

СОХТОРИ ДАСТА (КОМАНДА) ОИД БА ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ




Сохтори БТМ ба сохтори байналмилалии барномаҳои модулӣ мувофиқат мекунад.

Барномаи таълимии модулӣ иборат аст, аз:

1. Варақаи унвонӣ
2. Ихтисорот
3. Муқаддима
4. Мафҳумҳои асосӣ
5. Тавсифи умумии касби омӯхташаванда
6. Номгӯйи захираҳо (таҷҳизот, асбобҳо ва маводи хароҷотӣ)
7. Талабот ба дохилшавандаҳо
8. Талабот ба омӯзгорон
9. Варақаи унвонӣ (барои ҳар сатҳи ТМТ ҶТ)
10. Малакаҳои бокортаъминшавӣ (барои ҳар сатҳи ТМТ ҶТ)
11. Модулҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) (барои ҳар сатҳи ТМТ ҶТ)
12. Модулҳои заминавӣ (барои ҳар сатҳи ТМТ ҶТ))
13. Модулҳои касбӣ (барои ҳар сатҳи ТМТ ҶТ)
14. Рӯйхати адабиётҳо

**Қолиби барномаи таълимии модулӣ**

1.1. Варақаи унвонӣ



БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛИИ КАСБИ «РОҲБАЛАД»

Соҳа: **Сайёҳӣ**

Касб: **Роҳбалад**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **TI 5113**

Миқдори модулҳо: **25**

Сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2,3**

Тафсир: **01/2023 г.**

Рамзи умумии касб: **TI 5113-26-2,3-01/2023**

1.2. Варақи дуюми барномаи таълимӣ

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# «РОҲБАЛАД»

Барномаи таълимии модулӣ дар асоси стандарти салоҳиятҳои касби «Роҳбалад» таҳия гардидааст.

Бо қарори Шурои методии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Таҳиягарони барномаи таълимии модулӣ:

| № | Ному насаб | Вазифа | Ташкилот |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |

1.3. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосӣ муқаррарот ё шарҳи истилоҳот/мафҳумҳои заруриро дар барномаи таълимии модулӣ истифодашуда пешниҳод менамояд.

Мисол: *Модул – вобаста ба талабот ба омӯзиши шахсони алоҳида ва соҳа модули таълимӣ метавонад як ё якчанд воҳиди салоҳиятро дар бар гирад ва вобаста ба ин модулҳои мушаххас таҳия мегарданд.*

1.4. Тавсифи умумии касб

Касб/ихтисос аз маҷмуи уҳдадориҳо ва вазифаҳо иборат буда, маҷмуи салоҳиятҳои муайянро талаб мекунад, ки барои босифат амалӣ кардани фаъолият дар доираи касби мазкур имкон медиҳад. Тавсифи кӯтоҳи касб ин ҷамъи натиҷаи оне, ки чӣ бояд дар касби мазкур ба даст ояд.

**Мисол:** *«Роҳбалад» – ин менеҷер, роҳбаре, ки гурӯҳи сайёҳӣ ё фардиро ҳангоми сафари сайёҳӣ ё сайругашт ҳамроҳӣ мекунад ва дар бораи мавзеъҳои фарҳангӣ ва таърихӣ ё атрофи он бо забоне, ки гурӯҳ ё шахси ҳамроҳаш медонад, сӯҳбат мекунад.*

*«Роҳбалад» бояд дар бораи маҳал, фарҳанг, анъана ва тарзи зиндагии кишвар ё маҳалле, ки дар он тахассус дорад, маълумот дошта бошад. Ӯ ҳадди ақалл бояд дорои дониши ибтидоӣ оид ба таърих бошад. Дар баробари ин, роҳбалад-тарҷумон бояд, як ё якчанд забони хориҷиро донад.*

1.5. Захираҳо

Ин таҷҳизот (таълимӣ), асбобҳо ва маводи харочотӣ барои тадрис ва омӯзиш истифодашаванда.

Мисол:

| Таҷҳизот/дастгоҳҳои зарурӣ | Маводи таълимӣ |
|---|---|
| ●*Дастгоҳи хазинавӣ*<br>●*Ратсия (алоқаи сайёр)*<br>●*Терминал –дастгоҳ барои кортҳои бонкӣ Q-рамз* | ●*Стандарти салоҳиятҳои касби «Роҳбалад»*<br>●*Барномаи таълимии модулӣ* |
| **Асбобҳо/лавозимот ва маводи харочотӣ** | **Таҷҳизоти таълимӣ** |
| ●*Гӯшмонак*<br>●*Микрофон*<br>●*Антистеплер*<br>●*Ручка*<br>●*Дафтар* | ●*Компютер*<br>●*Принтер(чопгар)*<br>●*Проектор*<br>●*Тахтаи электронӣ/экран* |

1.6. Талабот ба дохилшавандагон

Мисол: касби «Роҳбалад».

Хоҳишмандони омӯзиши касби «Роҳбалад» бояд ба талаботи умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

- муошират кардан бо забони хориҷӣ (русӣ, англисӣ) дар сатҳи заминавӣ;
- пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо мувофиқи талаботи муассисаи таълимӣ;
- гузаштан аз муоинаи тиббӣ.

Ин рӯйхат талаботи мушаххаси институтсионалиро дар бар намегирад, ба мисли: сатҳи таҳсилот, таҷрибаи кории мувофиқ ва диг., ки мумкин аз таълимгиранда аз ҷониби муассисаи таълимӣ ё маркази таълимӣ, ки омӯзишро бо барномаҳои таълимӣ пешниҳод мекунанд, талаб карда шаванд.

1.7. Талабот ба омӯзгорон

Мисол: касби «Роҳбалад».

Омӯзгороне, ки касби «Роҳбалад»-ро меомӯзонанд, бояд ба талаботи зерини умумӣ ҷавобгӯ бошанд:

- доштани донишҳои касбии дидактика ва методологияи ТАС;
- донистани методикаи таълими салоҳиятҳо;
- доштани таҷрибаи кории на кам аз 3 сол дар касби «Роҳбалад»;
- ҷисман ва равонӣ солим будан;
- доштани сатҳи на паст аз 4-и ТМТ ҶТ;
- гузаштан аз муоинаи тиббӣ.

1.8. Малакаҳои бокортаъминшавӣ (барои ҳар сатҳи ТМТ ҶТ)

Барои ҳар сатҳи тахассусӣ малакаҳои бокортаъминшавӣ тавсиф карда мешавад. Воҳидҳои алоҳидаи салоҳият набояд ҳама ҷанбаҳои малакаҳои бокортаъминшавиро дошта бошанд – ин комбинатсияи умумии воҳидҳои асосӣ ва интихобӣ дар доираи дараҷаи ихтисос, ки бояд бо маҷмӯи пурраи ҷанбаҳои ошкоршудаи малакаҳои бокортаъминшавӣ қиёс шавад.

Мисол: Касби «Роҳбалад»

## МОДУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ САТҲИ 2 ТМТ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Модули 8: Гирифтани маълумот оид ба хатсайри ҳаракат**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи модул** | Модули мазкур дониш, маҳорат, малака, ва муносибати заруриро оид ба тартиб додани хатсайри ҳаракати сайёҳон, ҷамъ кардани маълумот дар бораи мавзеъҳои сайёҳон ташаккул медиҳад. |
| **Миқдори соатҳо** | |
| **Рамзи модул** | TI 5151-01-2/01 |
| **Натиҷаҳои омӯзиш (НО)** | Пас аз анҷоми омӯзиши модул таълимгиранда бояд тавонад: |
| НО 1 | Тартиб додани харитаи технологии хатсайри сайёҳат |
| НО 2 | Ҷамъ кардани маълуот оид ба мавзеъҳои экскурсия |

### Шартҳо ва талабот ба татбиқи модул

Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):
- ТС 03-1/01 Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон;
- ТС 05-2/01 Истифода намудани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ;
- ТВ 02-3/01 Муошират кардан ба забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ.

### СОХТОРИ БАРНОМАИ ОМӮЗИШ

| **Меъёрҳои баҳодиҳӣ** (меъёрҳои иҷрои ВС) | **Донишҳои талабшаванда** | **Малака ва муносибати талабшаванда** | **Шароит/захираҳо** (барои таълимгиранда пешниҳод мегарданд) | **Усулҳои омӯзиш** (таъкид ба истифодаи усулҳои интерактивӣ) | **Усулҳои баҳодиҳӣ** | **Соатҳо** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **НО 1: Тартиб додани харитаи технологии хатсайри сайёҳат** | | | | | | **8** |
| 1.1. Гирифтани маълумот оид ба масири ҳаракати сайёҳон.<br>1.2. Ҳисоб кардани вақти сафар оид ба | - дастурҳо оид ба қоидаҳои рафтор барои сайёҳон ҳангоми сайёҳат/экскурсия;<br>- таснифи хатсайрҳо; | - кор кардан бо технологияҳои иттилоотӣ;<br>- тамос кардан бо шумораи зиёди одамон;<br>- кор кардан бо харитаҳо ва муайян | - кабинети таълимӣ/дар ҷои кор<br>- компютерҳои дорои низоми иттилоотӣ;<br>- китобҳои роҳнамо; | - Лексияи хурд<br>- Кор дар гурӯҳҳои хурд<br>- Муҳокима дар гурӯҳҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/ Мусоҳиба | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| хатсайр.<br>1.3. Гирифтани маълумот оид ба воситаҳо ва усулҳои нақлиёт дар хатсайр.<br>1.4. Муайян намудани мавқеи ҷамъоварии сайёҳон. | - ҷуғрофия ва хусусиятҳои минтақаҳо;<br>- асосҳои технологияҳои компютерӣ. | намудани мавқеи худ;<br>- ба нақша гирифтани кор;<br>- дорои хотираи хуб;<br>- масъул;<br>- покизакор. | - барномаи махсуси иттилоотӣ барои телефонҳои мобилӣ;<br>- харитаҳои ҷуғрофӣ варақаҳои хатсайр;<br>- таҷҳизоти таълимӣ;<br>- лавозимоти таълимӣ. | - Мастер-класс | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | |
| **НО 2: Ҷамъ кардани маълуот оид ба мавзеъҳои экскурсия** | | | | | | **4** |
| 2.1. Шиносоӣ бо маълумот оид ба мавқеъҳои таърихию фарҳангии хатсайри сайёҳат.<br>2.2. Шиносоӣ бо маълумот оид ба мавқеи ҷойгиршавӣ ва ҷойҳои хӯрокхӯрӣ барои сайёҳон.<br>2.3. Шиносоӣ бо хавфҳои эҳтимолии ҳаракат дар хатсайр. | - таърихи мамлакат ва ҷаҳон;<br>- фарҳанг, анъана ва расму оин;<br>- ҷуғрофия ва хусусиятҳои минтақаҳо;<br>- ҷуғрофия ва хусусиятҳои минтақаҳо;<br>- олами наботот ва ҳайвонот;<br>- асосҳои технологияи компютерӣ. | - - мувофики хатсайри сафар либос пушидан;<br>- - кор бо ҳуҷҷатҳо;<br>- - бо шумораи зиёди одамон тамос гирифтан;<br>- - кор бо харитаҳо ва паймоиш дар замин;<br>- - дорои таҷҳизоти сайёҳӣ;<br>- - дорои хотираи хуб;<br>- - дорои ҳисси хуби ҳазлу шӯхӣ.<br>- - устувор;<br>- - пурдон;<br>- - пухтакор;<br>- - боинтизом.<br>- | - кабинети таълимӣ/дар ҷои кор;<br>- ГОСТ Р 54604-2011.<br>- Хизматрасонии сайёҳӣ. Хизматрасонии экскурсионӣ. Талаботҳои умумӣ;<br>- компютерҳои дорои низомҳои иттилоотӣ;<br>- китобҳои роҳнамо;<br>- барномаи махсуси иттилоотӣ барои телефонҳои мобилӣ;<br>- харитаҳои ҷуғрофӣ - варақаҳои хатсайр;<br>- лавозимоти таълимӣ. | - Муҳокима дар гурӯҳҳо<br>- Кор дар гурӯҳҳои хурд<br>- Бозии нақшӣ | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/ Мусоҳиба<br>Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | |